АНЗУРАТИ МАЛИКЗОД

# ВОЖАҲОИ НУРОНИИ ШЕЪР

Шоир Худованди калимот аст. Меъроҷи рӯҳонии шоир то ба меъроҷи калимот аст. Шоир дар фазои калимот мезияд, бо халлоқияти ҳунариаш даст ба кашфи калимот мезанад. Ва шоир аст, ки мехоҳад дар соҳати калимот Замину Осмон ва Одаму Оламро бигунҷонад.

Ҳарчанд ба қавли Шамси Табрезӣ «домони иборот сахт танг аст» ва шоир наметавонад тамоми бардошту хулосаҳояшро аз рӯзгор ва ҳастӣ дар қолаби вожагон бирезад, боз ҳам бо калимот тасвиркорӣ мекунад. Тангнои калимот ба шоир имкон намедиҳад, ки тамоми ангезаҳои рӯҳ ва тафаккурашро дар либоси вожагон ҷилва бидиҳад.

Ин аст, ки ормони ҳар шоире пас аз тавлиди ҳар шеъраш ношикаста мемонад ва шоир гумон мебарад, ки беҳтарин ва олитарин шеърашро ҳанӯз нагуфтааст. Ва ё ба маънии дигар ба кашфи калимоти шеъри оливу ормониаш ҳанӯз даст наёфтааст. Ҳамин ношикаста мондани ормон ва орзуи гуфтани шеъри олӣ ва роҳ ҷустан ба розу румузи калимот шоиронро бештар ба омӯзишу ҷустуҷӯ водор месозад. Шоирони бузург мехоҳанд ҳар қадар соҳати калимоти забонро фарохтар бисозанд, то шеъри олиашонро гуфтаву ормони шоириашонро бишкаста бошанд. Зеро ҳар навию тозакориҳои илмиву адабӣ дар қолаби забон ва калимоти он рехта мешавад.

Чунин шоирони навпардоз даст ба кашфи калимот мезананд ва дар умри дароз дидани забони модариашон кӯмак мерасонанд.

Яке аз шоироне, ки даст ба нав кардани вожагон ва дарунмояи шеър ёзида, ба шеъри нави тоҷикӣ нафаси тозае дамидааст, Доро Наҷот мебошад.

«Маҳтобе хамида дар руқӯъ» маҷмӯаи тозанашри ин шоири тозагуфтору тозаандеш ба дасти мухлисони шеър расид. Ин маҷмӯа шомили шеърҳои сафед, нимойӣ ва ғазалгунаҳо буда, аз тасвиркориҳо ва хаёлпардозиҳои гӯяндааш шаҳодат медиҳад.

Доро шеъри сафед мегӯяд ва яке аз саромадон ва гӯяндагони тавоно ва огаҳи ин навъи шеър дар Тоҷикистон аст. Агар бигӯем, ки гунаи миллӣ ва тоҷиконаи шеъри сафед дар адабиёти тоҷикӣ ба исми Доро пайванд мегирад, шояд саҳве нахоҳад шуд. Зеро Доро дар шеъри сафеди тоҷикӣ бо вожагон, бо дид, назар ва сабки тозаи худаш ворид шуд. Вожагони шеърро низ ба куллӣ нав кард.

Басомади калимоти нави ашъори Доро аз қабили вожагоне чун: кайгоҳ, худиш, каёранг, фурӯҳида, варҷованд, радӣ, усарён-усариён, навасон, огин, дӯсидан, фарибурз, садгис, ангуштона, шабанбӯ, вокуниш, обранҷак, ожирок ва амсоли инҳо хеле зиёданд. Шумораи чунин калимоти зебо ва тоҷикии форсии нобро, ки танҳо дар шеърҳои Доро зиёд ба кор рафтаанд, ба маротиб метавон афзуд, вале бо ҳамин намунаҳо иктифо карда шуд.

Аз чунин намунаҳо аён мешавад, ки Доро шоири забонсоз аст. Навпардозиву навовариҳои вай дар шеър танҳо аз корбасти калимоти нав иборат нест. Тасвиркориву тасвирсозиҳои Доро низ нав ва хаёлпарваронаву эҳсосбарангезанд.
Масалан, дар шеъри тӯлониву нахустини маҷмӯаи мавриди таҳқиқ, ки «Ориёно» ном дорад, шоир эҳсоси нигарониашро аз пароканда шудан ва пош хӯрдани иттиҳод ва аз даст рафтани шону шавкати Ориёнои бузург ё Арйиана вайиҷаҳро чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

Ориёно!
Ай таҳранги ноби осмони тамаддун!
Дуруд,
мар турову дурахши кайгоҳи туро
аз Толори ойинаҳо,
к-оратаӣ
каёранги худширо
ба зулоли бомдоди авастоии Худост!...

чунин тасвирот дар шеъри мудерн ё сафеди тоҷикӣ нав аст. Доро аз тасвирот, рамзу истиора ва вожагони обшуставу забонзад даст мекашад ва ба сухан рӯҳи тоза бармедамад.
Мо дар бораи турктозиҳои аҷнабиёну бегонагони бадавиву хунхор ва душманони миллати хеш шеъру қиссаҳои зиёде хонда ва ё шунидаем. Аз таърих низ маълумоти бештаре дорем. Вале ин ҳақиқати талх дар тасвири бадеии Доро Наҷот бо рамзу тасвироти дигар ифода ёфтааст. Чунон ки дар банди охири шеъри «Ориёно» мехонем:

Ориёно!
Ай тановар дарахт
Дар гузори тафбоди аждаҳои мақдунӣ,
девбоди ғули муғул,
самуми уштулуми Темури чиғатой
ва ҳазору як шабехуну турктозу фареш!
Дуруд,
мар ин пойиш
ва рӯйишро,
ки аз сабррешаҳо парвардаӣ
Сабзбешаҳо
ва шукуфаҳои варҷовандиву
ориёнфарӣ.

Ҷанбаи фалсафаи шеъри Доро Наҷот пурқувват аст. Вай шоири файласуф аст. Тору пуди шеъри Доро аз маъниҳои орифона ва мазомини ирфонӣ танида ва бо фалсафаи ваҳдати вуҷуд ва ҳақҷӯйиву ҳақпарастӣ бофта шудааст.

Доро мехоҳад, ки дар рагҳои калимот ва шеъри тоҷикӣ ҳамон асолат, моя, зебоӣ, рангу бӯ, донишу биниш ва андешаи бузурги ирфониро дар либоси наву тоза ва бо вожагону рамзи зебо ҷорӣ созад. Эҳсоси наҷиби ҳақпарастӣ то ҳадде дар қалбу рӯҳи Доро туғён мекунад,

ки ӯ «тасбеҳи дарахт», «соярӯшани маънии хоб» ва «анвори тиловати баргҳоро» эҳсос мекунад:

Тасбеҳи дарахт
соярӯшани маънии хобро
ба зеҳнам,
ва анвори тиловати баргҳоро
ба рӯҳам рехт…

Доро Наҷот таронаи худшиносиву худогоҳии миллаташро месарояд. Ва ҳамеша дасти дуо боло мебардорад барои расидан ба асли худ. Бубинем дар шеъри «Шатҳиёт» чи таманнои бузурге дорад ин шоир:

Кирдигоро!
обии нигоҳамро
дар сӯ-сӯи бесӯият сайқал деҳ,
ки билағжад
 нафаси иблис
 аз ойинаи сабр.

Ё дар «Шеъри гиря» чунин орзуи олие мепарварад:

Худовандо,
Чи мешуд, гар зи рӯи меҳр
Дари васлам ба рӯи асл бикшоӣ,
Таманное ба уқбоям бубахшоӣ,
Ки ин дунё наарзад бар таманное.

Доро Наҷот барои як қавми бузург дуо мекунад. Таманниёту орзуи шоиронаи Доро, ки орзуи худшиносӣ ва расидан ба асл аст, ба як миллати бузург тааллуқ мегирад.

Дар сукути шоиронаи ин шоири ориф як ҷаҳон қиёми созандаи сӯфиёна нуҳуфтааст. Сукутест, ки «хайма ба маҳтобии хаёл задааст».

Кирдигоро!
Гуфтанро бигӯ,
вояҳои тозаам орад,
 аз ғурбати нагуфтаҳо,
Сукутро бигӯ,
хайма ба маҳтобии хаёлам занад.

Бо чунин шатҳиёти гӯшнавоз мехоҳад, сукути гарону тӯлонии хонандаи шеърашро низ бишканад ва ба равшанӣ ҳидоят намояд. Барои он ки аз хондани шеъри Доро сукут бишканем ва лаззат бибарем, бояд донишу андешаи бештар ва нуроние дошта бошем.

Ҳанӯз андешаҳои ирфониву фалсафии ин шоир нокушуда мондааст, навкориву тозаандешӣ ва тозагуфториву тасвирсозиҳои Дороро хонандаи тоҷик дуруст дарк накардааст. Аз ин рӯ баъзеҳо сару садо мезананд ва мегӯянд, ки мо намефаҳмем Доро Наҷот чӣ мегӯяд.

Устод Мӯъмин Қаноат ба навпардозиҳои Доро дар шеър чунин баҳои муносиб додааст: «Дар Тоҷикистон касе, ки бештар аз дигарон дар шеъри сапед ва нимойӣ даст дорад, Доро Наҷот аст. Аз миёни шоирони тоҷик дар шеъри сапед ӯ қавитар ва дасти тавонотаре дорад. Шеъри

Доро аз шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ ҳам навтар аст. То ҷое нав аст, ки ҳатто аҳли завқи Тоҷикистон мегӯянд, ки мо намефаҳмем, ӯ чӣ мегӯяд.

Доро Наҷот бо рамз, бо мафҳумҳои ирфонӣ ва тасвирҳо сухан мегӯяд. Тасвирҳое ҳастанд, ки онҳоро бо сухан ифода кардан намешавад. Ба ин хотир, фаҳми ин шеър дониши зиёдтаре талаб мекунад…»

Воқеан шеъри Доро шеъри пуррамзи тасвирист. Шеъре, ки ҳамвазни «Готҳо» ва ҳамсанги сурудаҳои Борбади Марвазӣ аст. Шеърест, ки аз тасвиркории мӯқаламми Монӣ маншаъ ва илҳом гирифтааст.

Шеърест, ки ба қавли Доро Наҷот дар худ накҳати атри нури Мустафо ва шаш ҷиҳатро гунҷондааст.

…Дар гузори атри нури Мустафо
Гулбуни имони худ рӯёндаам.
То бузургии Худоро ҳис кунам
Шашҷиҳатро дар дилам гунҷондаам.

Бо кашфи чунин вожагони нуронӣ, тасвиркориҳо ва баёну андешаҳои ҷолиби шоирона ва маъничӯиву маънирасиҳо Доро гӯйӣ сабқат дар майдони шеъри мудерни тоҷикӣ аз дигарон рабудааст.